## Т а қ р и з

ба автореферати диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод дар мавзӯи **“Мафҳуми «ғам» ва омилҳои ғамбарангез дар маснавиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” барои дарёфти** дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10. – Адабиёти тоҷик

Баррасӣ ва таҳқиқи хусусиятҳои бадеиву мавзӯии ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил давоми солҳои охир дар адабиётшиносии кишварҳои мухталиф, хоса мамолики форсизабон ба як тамоюли муҳим мубаддал гардида, ҷанбаҳои мухталиф ашъори ин суханвари соҳибном ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Ин амр омил гардида истодааст, ки дар фурсати начандон тулонӣ дар кишварҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, Афғонистону Эрон ва Ҳинду Покистон силсилаи тадқиқот ба қалам омадаанд. Яке аз чунин рисолаҳои арзишманд диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод дар мавзӯи “Мафҳуми «ғам» ва омилҳои ғамбарангез дар маснавиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” мебошад, ки барои дифоъ манзур гардидааст. Аз мутолеоти диссертатсия ҳувайдост, ки муҳаққиқ дар меҳвари тадқиқоти анҷомдодаи хеш мафҳуми “ғам” ва омилҳои ғамбарангезро қарор дода, масоили аслии мавриди баррасии хешро дар маснавиҳои шоир ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Барои муайян намудани пешинаи таҳқиқи диссертатсияи худ муаллиф аз ду шева ба кор гирифта, нахуст кӯшидааст, ки корномаҳои илмиеро мавриди таснифу баррасӣ қарор диҳад, ки дар онҳо мафҳуми ғам аз зовия ё дидгоҳи равоншиносии адабӣ тадқиқ шудаанд. Баъдан, силсилаи пажӯҳишҳоеро тасвиф ва муаррифӣ намудааст, ки дар онҳо аз вежагиҳои муҳимтарини ашъори Бедил, бахусус маснавиҳои ӯ сухан меравад. Дар ин замина, аз силсилаи тазкираҳое низ сухан рафтааст, ки дар онҳо аз Бедил ва рӯзгору осори вай ёд шудааст.

Қабл аз он ки ба баҳси аслии тадқиқот бипардозад, диссертант ҷойгоҳи ғамро дар асотир, адён ва илму адабиёт баррасӣ намуда, муқаррар

кардааст, ки ин мавзӯъ собиқаи тӯлонии таърихӣ дорад ва қабл аз вуруд ба адабиёт бо шеваҳои мухталиф дар ҷаҳоншиносии ақвоми мухталиф бозтоб ёфтааст. Дар ин замина дидгоҳҳои файласуфони асримиёнагӣ ва ҳакимони аҳди мазкур низ аз назари муаллифи рисола берун намондааст.

Пеш аз вуруд ба масъалаҳои асосии тадқиқот диссертант ба таври иҷмолӣ муҳтаво ва мундариҷаи маснавиҳои Бедилро баррасӣ намуда, дар асоси муқобила ва қиёс ҷойгоҳи ғам ва авомили ғамбарангезро дар ҳар яке аз онҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Мавсуф мафҳуми ғамро дар ду бахш- ғамҳои раво ва нораво қисмат намуда, заминаҳои пайдоиш ва интишори ин ду навъи ҳузнро дар осори қадим баррасӣ ва бозтоби онро дар маснавиҳои Бедил ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Аз натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия ҳувайдост, ки ӯ ба ҳадафҳои аслии дар назди худ гузошта мушарраф гардида, рисолае дар таҳқиқи як тамоюли тозаи пажӯҳишӣ ба қалам овардааст, ки то кунун мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Баробари ин, аз мутолеаи фишурдаи рисола пайдост, ки тадқиқоти анҷомёфта яке аз корҳои муҳим ва дорои арзиши муҳими илмӣ дар самти равоншиносии адабӣ ба шумор меравад, ки роҳро барои анҷоми силсилаи пажӯҳишоти дигар дар ин арса ҳамвор мекунад.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ аз рӯи фишурдаи диссертатсия маълум мегардад, ки дар он баъзе норасоиҳо низ ҷой доранд:

1) Аз фишурдаи диссертатсия маълум нашуд, ки тафсири мафҳуми ғам дар фарҳангҳои истилоҳоти ирфонӣ ва ҳам муаллифӣ (хоса фарҳангҳои бар асоси мероси ин ё он шоир ба қалам омада, чун “Фарҳанги ашъори Ҳофиз”, “Фарҳанги ашъори Соиб” ва амсоли ин баррасӣ шудааст ё на. Агар баррасӣ мешуд, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам афзун мегардид.

2) Дар фишурдаи диссертатсия ба ҷои фасл мафҳуми “бахш” истифода шудааст. Ба назари мо, истифодаи худи фасл мувофиқи мақсад аст, чун дар тарҷумаи русӣ истилоҳи ифодакунандаи ҳамин мафҳум, яъне “параграф” ба кор рафтааст.

Албатта, ин нуктаҳо асосан хислати тавсиявӣ доранд ва ҳаргиз ба арзишу аҳамияти илмии диссертатсия ва фишурдаи он таъсир намерасонанд. Дар умум, диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод дар мавзӯи “Мафҳуми «ғам» ва омилҳои ғамбарангез дар маснавиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” ба талабот таълифи рисолаҳои номзадӣ ба қалам омада, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

Мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдуллоев Р

Имзои номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдуллоев Р.-ро тасдиқ мекунам.

Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ: дотс. А.Сатторов